**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т.,**
**профессор Ибодуллозода А.И.** ____________
«_30_» ____12____ 20_24_

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобикшавӣ ва баркароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология дар кафедраи намудҳои варзишӣ миллии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов, Муассисаи давлатии «Маркази илмию тадкиқотии фарматсевти»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи гастроэнтерология»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ соли 2009 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси биология – химия соли 2015 хатм кардааст. Соли 2015 ба сифати омӯзгор фаъолияти меҳнатиашро шурӯъ намудааст. Аз 29.12.2021 таҳти №755 – ОД ба шуъбаи омоданамоии мутахасисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи анатомия ва физиология, аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология, факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2024 ба итмом расонид.

Кори диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи анатомия ва физиологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ гардидааст (суратҷаласаи №5 аз 11.12.2021).

Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 03.01.2022, таҳти №5/9 (а) тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шамсудинов Шабон Нажмуддинович – номзади илмҳои биологӣ, корманди калони илм, мудири шӯъбаи ҷигар ва ғадуди зери меъдаи муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология” Вазорати

тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 21 ноябри соли 2024 таҳти №137 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудаст.

Диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар ҷаласаи васеи кафедраи анатомия ва физиологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27-уми декабри соли 2024, №4 бо иштироки мутахассисони дигар муассисаҳои илмӣ аз ҷумла 4 - нафар профессор, 16 - нафар номзади илм, 8 - нафар муаллимони калон, 4 - нафар ассистент муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муққаризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Унвонҷӯ Шерализода Орзуҷон Зафар бори аввал таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим, нишондодҳои системаи нафаскашӣ, дил ва рагҳои хунгард баланд гардида, ҳангоми сарбории ҷисмонӣ кобилияти коршоямии фаъолияти физиологии мушакҳоро таҳқиқ намудааст, ки аҳаммияти хуби илмӣ дорад.

Диссертант бори аввал масъалаи истеъмоли қиёми ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ миқдори эритротситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, миқдори лейкотситҳо ва фаъолияти фагоситарии ҳуҷайраҳоро ба таври мукаммал таҳқиқ намудааст. Қайд намудааст, ки дар зери таъсири қиёми растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Дар зери таъсири қиёми растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо барқарор гардида, қобилияти энергетикии мушакҳо беҳтар мешавад.

Ҳамзамон, довталаби дараҷаи илмӣ санҷиши қиёсии хусусиятҳои мутобиққунандаҳои набототӣ муайянсохт, ки аз ҷиҳати самаранокӣ решаи качим дар ҷойи аввал, решаи заринреша дар ҷойи дуюм ва решаи ширинбия дар ҷойи сеюм қарор доранд, **мушаххас намудааст.**

Хулосаҳои дар кори мазкур баровардашуда ва дақиқии натиҷаҳои ба дастомада тавассути коркарди оморӣ бо истифодаи барномаҳои гуногуни компютерӣ **асоснок карда шудааст.**

**Мақсад ва вазифаҳои** таҳқиқ дар он ифода ёфтааст, ки унвонҷӯ коркард ва ба таври илмӣ асоснок кардани истифодаи мутобиққунандаҳои набототӣ дар мисоли заринреша, ширинбия, качим ва таъсири он ба организми варзишгарони намуди гӯштингирӣ ҳангоми

тамрин ва тайёрӣ ба мусобиқаҳои варзишро дар шакли як рисолаи мукаммали илмӣ ба анҷом расонидааст.

**Методҳои таҳқиқ** ва асбобҳои истифодашуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқот дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ гузаронида шуда, асосҳои илмии он дар заминаи осори илмӣ **собит шудааст.** Шарбати ширинбия, заринреша ва качим бо истифода аз технологияи муосир ва мувофиқи нишондодҳои фармакопияи давлатӣ тайёр кардашудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ барои исбот намудани таъсири шарбатҳои мутобиқкунандаҳои набототӣ аз усулҳои олимон Шафранский, Генчи, Штангей ва дигарон истифода бурдааст. Унвонҷӯ дар диссертатсия қабл ва пас аз истеъмоли шарбатҳои омӯхташаванда нишондодҳои физиологӣ, ба монанди басомади нафаскашӣ, ҳаҷми ҳаётии шуш, фишори шараёнӣ, набз; нишондодҳои хуни канорӣ, аз ҷумла миқдори эритротситҳо, лейкотситҳо, тромботситҳо ва фаъолияти фагоситарии нейтрофилҳо; нишондодҳои биохимиявии хун, ба монанди сафедаи умумӣ, албумин, фаъолнокии ферментҳо, миқдори чарбҳо ва ангиштобҳоро ба таҳқиқ кашидааст.

Дар рисола инчунин, қувваи дастҳо, нишондодҳои системаи лахташавии хун, индекси вазни бадан, ҳаҷми бофтаи чарбуӣ, бофтаи мушакӣ, моддаҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ, миқдори об ва дигар нишондодҳои физиологӣ муайян карда шудаанд.

**Эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои** бадастомада аз истифодаи усулҳои муосири физиологӣ ва таҷҳизотҳои замони муосир дар таҳқиқот вобаста аст. Натиҷаҳои дар дисертатсия ба даст овардашуда боэътимод буда бешубҳа аҳаммияти хуби илмӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида, дар конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима гардидааст.

**Навгонии рисолаи илмии** диссертант дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим, нишондодҳои системаи нафаскашӣ, дил ва рагҳои хунгард баланд гардида, ҳангоми сарбории ҷисмонӣ қобилияти коршоямии фаъолияти физиологии мушакҳо **таҳқиқ гардидааст.**

Довталаби дараҷаи илмӣ мушаххас намудааст, ки пас аз истеъмоли қиёми ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ миқдори эритротситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, миқдори лейкотситҳо ва фаъолияти фагоситарии ҳуҷайраҳо баркарор мегардад. Инчунин, дар зери таъсири қиёми растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо

кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Диссертант қайд менамояд, ки зери таъсири қиёми растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо барқарор гардида, қобилияти энергетикии мушакҳо беҳтар мешавад.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар соҳаи физиологияи таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба хусусиятҳои мутобиққунандаҳои нabototӣ омӯхташуда, истеъмоли қиёми растаниҳои мазкур ҳангоми тамрин ва сарбории ҷисмонӣ дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ, хусусияти барқароршавии нишондодҳои физиологиро беҳтар намуда, қобилияти коршоямии мушакҳои онҳоро баланд гардонида, варзишгаронро ба шароити тағйирёбандаи мусобиқаҳо **мутобиқ мегардонад.**

Натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълим, ҳангоми хондани лексияҳо аз фанни физиологияи умумӣ, физиологияи варзишӣ ва тибби варзиш корҳои амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор дорад (санад 19.10.2024).

Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим ҳангоми сарбории ҷисмонӣ, хусусияти мутобиққунандагии онҳо дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ ба таври илмӣ **асоснок карда шудааст.**

Диссертант, масъалаи қиёми ширинбия, заринреша ва качим нишондодҳои физиологии дил, рагҳои хунгард ва системаи нафаскаширо ҳангоми сарбории ҷисмонӣ муътадил гардонида, қобилияти коршоямӣ; қиёми заринреша, ширинбия ва качим ҳангоми сарбории ҷисмонӣ қобилияти коршоямии мушакҳоро баланд гардонида, таъминоти энергетикии онҳоро беҳтар мегардонад; дар зери таъсири қиёми ин се гиёҳ миқдори эритротситҳо, консентратсияи гемоглобин ва фаъолияти фагоситарии лейкотситҳоро ба сифати **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешниҳод намудааст.**

**Саҳми шахсии** довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки диссертант шахсан дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқ, аз он ҷумла, ҷамъоварии решаи растаниҳо, гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ, ҷамъбасти маълумоти сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ таҳлилу коркарди маълумотҳои бадастомада саҳмгузор аст. Коркарди оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳои бадастовардашуда, навиштани мақолаҳо ва таҳияи кори диссертатсионӣ аз ҷониби муҳаққиқ **мустақилона иҷро гардидааст.**

Диссертатсия ба талаботи Низмномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, дар ҷаласаи васеи кафедраи анатомия ва физиологияи факултети

биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки мутахассисон аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима ва 4 боб, тавсифи маводҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 244 (188 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 56 муаллиф аз хориҷи дур) иборат мебошад. Диссертатсия аз 24 ҷадвал ва 19 расм иборат аст.

Вобаста ба мавзу ва масоили таҳқиқи диссертатсия 9 – мақола, аз ҷумла 6 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 – мақолаи илмие, ки дар маҷалаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ нашр гардидааст.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:


1. Мирзоев О. З. Хусусиятҳои таъсири адаптогенҳои нabототӣ дар тиб “Паёми донишгоҳи давлатии омӯгорӣ Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”. – Душанбе. – 2022 - №4(16). – С.320-324.

2. Мирзоев О. З. Омӯзиши намояндаҳои гурӯҳи адаптогенҳои нabототӣ (заринреша, мардумгиёҳ, ширинбия ва ғайра). “Илм ва фановари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”. - Душанбе. – 2023 - №1. – С.221-228.

3. Мирзоев О. З. Таъсири фармакологии растании адаптогении заринреша ба ҳолати функсионалии варзишгар. / О.З. Мирзоев., А.Р. Қурбонов // М “Паёми донишгоҳи давлатии омӯгорӣ Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”. – Душанбе. – 2023 - №1.(17). – С.164-168.

4. Мирзоев О. З. Хусусиятҳои адаптогени ва ботаникии ширинбия **(Glycyrrhiza L.)** ва качим **(Gypsophila L.)** дар амалияи муосири варзишӣ / О.З. Мирзоев., М.А. Малаева // М. “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2023 - №4. – С.195-204.

5. Мирзоев О. З. Таҳияи таркиб ва технологияи бадастории шарбат аз решаҳои ширинбия, заринреша ва качим / О.З. Мирзоев, Ҷ.Н.Ҷалилов, М. А.Малаева // М. “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2024- №3. – С.171-178

6. Шерализода О. З. Таъсири муқоисавии мутобиққунандаҳои нabототӣ бо нишондодҳои физиологии варзишгарон. “Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон . Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2024 - №4. – С.268-275.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳо ва дигар нашриёҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**1**. Мирзоев О. З. Истифодаи заринреша дар тибби халки ва муосир / О.З.Мирзоев, А.Р. Қурбонов //конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба “65-солагии таъсисёбии факултети биологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ”. – Душанбе.- 2023 – С.34-36

**2**. Мирзоев О.З. Паҳншавии бофтаи чарбуи ва мушакҳои склетии кундаланграх дар одамони фарбеҳ / Ш.Н.Шамсудинов, Ф.Ҳ.Каримова, О.З.Мирзоев // маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илми – амалӣ дар мавзуи “Ҷанбаҳои экологи- физиологии фаъолояти системаҳои зинда бо таъсири омилҳои гуногуни муҳит” бахшида ба 70- солагии доктори илмҳои биология, профессор Устоев М.Б. - Душанбе 2024- С.344-351

**3**. Мирзоев О. З. Разработка сиропа из корней родиола разнозубчатый / О.З. Мирзоев, Ҷ.Н.Ҷалилов, С.М.Давлатқадамов “Научная и инноватционная терапия учредитель Бухарский государственный медицинский институт имени А.И.Сино”. - Републики Узбекистан -2024-№4.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи анатомия ва физиологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи аз 27-уми декабри соли 2024 қабул гардидааст:

Иштирок дошт: ҳамагӣ 32 – нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 32 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои биологӣ, дотсент,
мудири кафедраи анатомия ва физиологияи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Иронова Сафина Шириншоевна

**Котиби илмии ҷаласа,**
муаллими калони
кафедраи анатомия ва физиология Сафаров Алишер Назарович

**Имзоҳои С.Ш. Иронова ва А.Н. Сафаровро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj